# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дарачаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Карори Шурой диссертатсионӣ аз 04 марти соли 2025, №76

Бораи сазовор донистани Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ, шаҳрванди Ҷумхурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дар мавзуи: «Заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дар таърихи 26 декабри соли 2024 суратмаҷлиси №73 аз ҷониби Шурой диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгохи миллии Точикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ 12 -уми январи соли 1976 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1996 ба Шуъбаи ғоибонаи донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, (ДДҲБС) дохил шуда, соли 2001 муассисаи таълимии мазкурро аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм кардааст.

Мирзозода М.З., вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020-2025) даъвати шашум буда, дар як вакт ба ҳайси муовини Раиси Кумита оид қонунгузори ва ҳуқуқи инсон фаъолият намудааст.

Аз 29 майи соли 2018 то 31 декабри соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ фаъолият кардааст.

Маълумотнома дар бораи имтиҳонҳои номзадии супоридашуда аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 31 декабри соли 2022, №999 ба унвонҷӯ дода шудааст.

Диссертатсия дар Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири Шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарофзода Рустам Шароф** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мансурзода Амиршоҳ Мансур** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи Идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова Мижгона Муборакшоевна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи Идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос:12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академия Расулов Ф.М, ва котиби ҷаласа ассиссенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Академия Ҳасанов Б.А. имзо шуда ,аз тарафи Ректори Академияи Идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагоги дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 10.02.2025 сол тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатхи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, маколаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Мирзозода, М.З. Масъалаҳои амалишавии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн] / М.З. Мирзозода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №3 (39). – С. 87-94.

**[2–М].** Мирзозода, М.З. Заминаҳои ҳуқуқӣ ва моҳияти адолат ҳамчун омили таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи ҷомеа [Матн] / М.З. Мирзозода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 65-69.

[3–М]. Мирзозода М.З. Амалишавии принсипи мубоҳиса дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] / М.З. Мирзозода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 153-160.

[4–М]. Мирзозода, М.З. Конституционализм и парламентаризм: Основные механизмы обеспечения национальной государственности [Текст] / М.З. Мирзозода, Дж.М. Зоир // Паёми Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №1 (1). – С.143-152.

[5–М]. Мирзозода, М.З. Легитимность Конституции Таджикской АССР 1929 года и её историческое значение по дальнейшему выхода из состава Узбекской ССР. [Текст] / М.З. Мирзозода // Правовая жизнь. – 2022. – №1 (3). – С. 40-49.

[6–М]. Мирзозода, М.З. Чорабиниҳои махсус дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ [Матн] / М.З. Мирзозода, Ҷ.М. Зоир // Қонунгузорӣ. – 2023. – №2 (44). – С. 158-164.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашриҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

[7–М]. Мирзозода, М.З. Рушди асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар самти муқовимат ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ [Матн] / М.З. Мирзозода // "Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи рушди ҳуқуқи инсон ва давлатдории миллӣ": маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (26 октябри соли 2024) // Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Меҳроҷ-граф», 2024. – С. 388-411.

[8–М]. Мирзозода, М.З. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар меҳвари раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / М.З. Мирзозода // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами маърифати ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: дастовард ва дурнамо» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш. Кӯлоб, 4 ноябри соли 2024). – Кӯлоб: ҶДММ «ИСТИҚЛОЛ-2019», 2024. – С. 82-89.

[9–М]. Мирзозода, М.З. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи низоми ҳуқуқ ва қонунгузории миллӣ[Матн] / М.З. Мирзозода // Маҷмуаи маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмии иштирокчиёни конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия – кафили ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 25 сентябри соли 2024). – Душанбе: «Контраст», 2024. – С. 23-30.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**– Маҳмудзода М.А.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Сарходими илмии Шуъбаи ҳуқуқи хусусии ИФСҲ;

**– Насриддинзода Э.С.**– Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ректори донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**– Малахов В.**П.- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи Маскави ВКД Россия ба номи

В.Я.Кикот, корманди фахрии мактаби олии Федератсияи Россия.

**– Қодирзода Т.Қ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ходими пешбари Шуъбаи масоли назариявии давлат ва ҳуқуқи ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр карда шудааст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи назариявии диссертатсияро муллиф бо он собит мекунад, ки мақомоти судӣ бо чунин масоили умуминазаривӣ, ба мисли таҷзияи ҳокимият, низоми боздошт ва мувозина, ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, такмили дастгоҳи давлати, иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлат, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, ҳимояи ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқи, шаклу усулҳои давлатҳо ва ғайра алоқаманд аст.

**Мукарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти мукаррароти бандҳои 61-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Хамчунии, интихоби муқарризони расми ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илми дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илми:**

– **коркард карда шуд:** сарфи назар аз натиҷаҳои муайяни мусбатиислоҳоти судӣ, баҳсу мунозираҳо дар атрофи масоили ислоҳоти низоми судӣ кам нестанд ва баъзе аз муҳимтарин ғояҳои ҳуқуқӣ то ҳанӯз аз ҷиҳати назариявӣ дуруст таҳия нашуда, дар амал татбиқ нагардидаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муфассали назариявӣ ва таърихию ҳуқуқии натиҷаҳо ва самтҳои нави ислоҳоти судӣ дар ҶТ муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад.;

– **пешниҳод шудааст:** доир ба масъалаҳои илмии таҳқиқшуда дар кори диссертатсионӣ оид ба мукаммалгардонии қоидаҳои адолати судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ диққати махсус дода шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳри ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ мутобиқат кардани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ тадбиқи пешниҳодҳои мубрам вобаста ба такмили қонунгузории мурофиавии ҶТ аҳамияти муҳим дорад;

**– исбот шудааст:** масъалаҳои дар амал татбиқ шудани ислоҳотҳои судии дар диссертатсия мавриди таҳқиқот гузаронида шуда, зарурати омӯзиш ва дарки дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро дар адолати судӣ ба миён меорад, ки пайваста бо назардошти тағйироту иловаҳои қонунгузории ҷорӣ ва амалияи тафтишотию судӣ бояд ба роҳ монда шавад, то ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни

пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври дақиқу якхела таъмин шаванд;

**– ҷорӣ намудани:** меъёрҳои махсуси таҳқиқоти мазкур ин эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, иҷро ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон мебошад. Маҳз ин ҳадафҳо имкон медиҳанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот ва табиати аслии худ на танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқии расмӣ, инчунин дар амал баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ татбиқ гардад. Ба ғайр аз ин, ҳадафи моро дар рисола таҳқиқи унсурҳои сохтори дохилии асосҳои таъмини адолати судӣ, аз ҷумла принсипҳои адолати судӣ ташкил дода, таҳқиқи ҳуқуқии паҳлуҳои ҷудогонаи он вазифаҳои тадқиқотро муайян кардааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** рушди асосҳои ба амалбарории адолати судӣ дар марҳилаи гуногуни таърихӣ ҷараёни гуногунпаҳлӯ буда, вобаста ба сатҳи инкишофи ҳаёти ҷомеа, муносибатҳои ҷамъиятӣ, санъати давлатдорӣ, идоракунӣ, имконият ва қонунгузории ҳар як давлат фарқ дорад.

Дар Тоҷикистон низ асосҳои адолати судӣ сарчашмаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ дошта, зинаҳои гуногуни тағйиротҳои сиёсиву-иқтисодиро дар бар мегирад. Мазмун ва асосҳои ба амалбарории адолати судиро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, таъмини осоиштагии ҳаёти мардуми кишвар ташкил медиҳад, ки аз ҳадафҳои мушаххаси пешгирифтаи ҳар як давлат ба вуҷуд омадааст. Дар замони муосир дар ҶТ шароити мусоиди иҷтимоӣ, сиёсию ҳуқуқӣ баҳри рушди асосҳои амалӣ шудани адолати судӣ мавҷуд буда, ташаккули минбаъдаи он бояд бо меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ таъмин гардад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** самаранок ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, илмҳои фалсафа, сотсиология, қисмҳои назариявӣ ва амалии фанҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ), ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии таҳлилӣ-муқоисавӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, таҳлили системавии сохториву ислоҳоти судӣ истифода бурданд.

– **Баён шудани** муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳое, ки бо меъёрҳои қонунгузории мурофиавии судӣ танзим шудаанд, мазмуни меъёрҳои амалкунанда, инчунин механизм, воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди судӣ ташкил медиҳанд;

– **ошкор гардидани** маъно ва мавзуи тадқиқот маҷмуи масъалаҳоеро дар бар гирифтааст, ки таъиноти (функсияи) адолати судиро ҳамчун механизми амалигардонии функсияи дохилии давлатӣ, ки амалӣ ва риоя гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ таъмин менамояд, ташкил медиҳад. Эътибори расмӣ пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳоро ифода мекнад, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳокимияти судӣ таъмин карда мешавад;

– **омӯхта шуданд:** дар асоси таҳлили таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии рисолаи мазкур ду ҷанбаи замонӣ истифода мешавад: маҳдуд ва васеъ. Маҳдуд (асосӣ) масъалаи сохтори судии Тоҷикистонро аз солҳои 90-уми асри XX то имрӯз таҳлил мекунад, васеъ – тамоми марҳилаи таърихиро шуруъ аз татбиқи функсияи судӣ дар аввалин давлатҳо то вазъи кунунии сохтори судии ҶТ-ро дар бар мегирад. Қобили

зикр аст, ки дар рисолаи илмии мазкур бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии даврони соҳибистиқлолии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ омӯхта мешавад;

**аз нав такмил додани** ислоҳоти судӣ пеш аз ҳама, аз он иборат мебошанд, ки дар Тоҷикистон кори илмии мазкур аввалин кори характери монографидошта, доир ба масъалаи зикргардида мебошад, ки дар доираи он муаллиф яке аз аввалинҳо шуда, ислоҳотҳо ва дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодии ҶТ ва кишварҳои ИДМ ба амал омадаанд, илман таҳлил менамояд. Дар сатҳи рисолаи номзадӣ мушкилиҳои зиёде, ки ҳатто дар ФР мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, ҳаллу фасл мегарданд. Дар муносибат бо илми ҳуқуқи Тоҷикистон бошад, тадқиқоти мазкур аввалин рисола дар ҶТ мебошад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** доир ба масъалаҳои илмии таҳқиқшуда дар кори диссертатсионӣ оид ба мукаммалгардонии қоидаҳои адолати судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ диққати махсус дода шуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳри ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ мутобиқат кардани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ метавонад дар раванди ислоҳоти судӣ ва такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– муайян карда шуданд,** ки амалияи ташаккули асосҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ оғоз гардида, якбора дучори монеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид. Бартараф кардани монеаҳо дар ин раванд, имтиҳони ҷиддие гардиданд, ки ногузир ва дуруст будани роҳи интихобкардаи Ҳукумат ва мардуми кишвар тасдиқи худро ёбад. Ташаккули асосҳои адолати судӣ зуҳуроти яклаҳзаина нест, рушди он ҷараёни тағйирёбанда аст, ки минбаъд ҳам дучори таззод, мушкилот ва оимлҳои нав мегарданд, лекин онҳо марҳила ба марҳила ҳалшавандаанд.

**– офарида шуд, ки:** меҳвари ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил дод. Тавассути меъёрҳои конститутсионӣ принсипҳои адолати судӣ шакли расмӣ гирифтанд ва хусусияти умумиҳатмӣ пайдо карданд ва амалӣ гаштани онҳо минбаъд ҳам зарурияти такмил дода шудани фаъолияти тамоми мақомоти ваколатдори давлатӣ, амалҳои мурофиавиву судиро талаб мекунад, ки ҳадафи истилоҳоти судию ҳуқуқиро дар Тоҷикистон ифода мекунад.

**– муаррифӣ карда шуд, ки:** рушди ҳаёти ҷомеа зарурияти коркарди шаклҳои нави батазимдарории муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ, хусусан байни шахс ва давлат, ташаккули қоидаҳои пешқадами дар амал тасдиқ ёфтаро, аз ҷумла ҳимояи судии ҳуқуқи ҳар шахсро ба миён овардааст, ки дорои заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангию маънавӣ буда, аз ҳуқуқи инсон ва анъанаҳои фарҳангӣ-маънавии миллӣ сарчашма гирифтаанд. Эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимояи судӣ қарор дода шудани ҳуқуқҳои инсон - қадамҳои устуворе мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқ мувофиқи таъинот, табиати аслии худ дар меъёри ҳуқуқи расмӣ ифодаи худро ёфта, ҳадду ҳудуди низоми давлатдориро таҳти пайвастагӣ, вобастагӣ, назорат ва тобеияти худ қарор медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва ислоҳоти судӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили даврабандии ислоҳоти судӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** Таҳлили масъалаҳои дар амал татбиқ шудани қоидаҳои мурофиавӣ зарурати омӯзиш ва дарки дурусти меъёрҳои ҳуқуқиро дар адолати судӣ ба миён меорад, ки пайваста бо назардошти тағйироту иловаҳои қонунгузории ҷорӣ ва амалияи тафтишотию судӣ бояд ба роҳ монда шавад, то ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври дақиқу якхела таъмин шаванд.

**– ғоя асоснок шудааст:** натиҷаи омӯзиши ва таҳлилҳои ислоҳоти судӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, таҳлил намудани натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, мазмуни илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, инъикоси объективии мушкилоти заминаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани дурнамои падидаи мазкур бо мақсади коркард ва дарёфти механизми муосири амалисозии ислоҳоти судӣ ифода меёбад

**– муайян шудаанд:** Асосҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ баҳампайвастагӣ, ягонагӣ ва баҳамвобастагии қоидаҳои мурофиавии судиро дар амал таъмин намуданд. Дар ҳама зинаҳои мурофиаи судӣ принсипҳои конститутсионии баамалбарории адолати судӣ бевосита амал мекунанд. Вайрон шудан, риоя нашудани принсипҳои адолати судӣ боиси бекор шудан ё беэътибор дониста шудани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Яке аз муҳимтарин асосҳои сохти конститутсионии баамалбарории адолати судӣ дар ҶТ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо эътироф гаштааст. Барои амалӣ гаштани ин асоси роҳбарикунандаи конститутсионӣ дар меъёрҳои қонунгузории мурофиавии кишвар доираи васеи имконияҳои иштирокчиёни он пешбинӣ шудаанд;

**– истифода карда шуданд:** Ҷиҳати такмил додани заминаҳои ҳуқуқии мақмоти ҳокимияти судӣ, пешгирӣ кардани хавфу хатари терорризм ва экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат бо ин зуҳурот пешниҳод гардид, ки Барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» таҳия карда шуданд. Амалияи ташаккули асосҳои адолати судӣ дар Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ оғоз гардида, якбора дучори монеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардид. Бартараф кардани монеаҳо дар ин раванд, имтиҳони ҷиддие гардиданд, ки ногузир ва дуруст будани роҳи интихобкардаи Ҳукумат ва мардуми кишвар тасдиқи худро ёбад. Ташаккули асосҳои адолати судӣ зуҳуроти яклаҳзаина нест, рушди он ҷараёни тағйирёбанда аст, ки минбаъд ҳам дучори таззод, мушкилот ва оимлҳои нав мегарданд, лекин онҳо марҳила ба марҳила ҳалшавандаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот;** саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии фикру ақидаҳо, тавсияҳо бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, дар мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо, иштирок дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иєбот карда мешаванд. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шуроӣ диссертатсионӣ аз 04-уми марти соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороны илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 16 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

04 марти соли 2025